**ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ**

**ба диссертатсияи Мирзозода Сулаймон Мадислом дар мавзуи «Захираи растаниҳои шаҳддори минтақаи Кӯлоб, ҳифз ва истифодаи оқилонаи онҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060718 – Ботаника, шаҳри Душанбе, 2026 с.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи пешниҳодкардаи Мирзозода Сулаймон Мадислом дар мавзуи «Захираи растаниҳои шаҳддори минтақаи Кӯлоб, ҳифз ва истифодаи оқилонаи онҳо», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060718 – Ботаника ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси 6D060718 – Ботаника мутобиқат мекунад:

**Банди 1.** Масъалаҳои назариявии пайдоиш ва инкишофи олами наботот, гуногунӣ, таснифот ва номгӯӣ гурӯҳҳои гуногуни растаниҳо ва оилаи растаниҳо.

**Банди 4.** Масъалаҳои назариявӣ ва амалии паҳншавии географии организми растаниҳо, вижагиҳои паҳншавии муосир ва гузаштаи намудҳои растаниҳо ва наботот, ноҳиябандӣ ва харитакунонии растаниҳо ҳамчун яке аз захираҳои таҳдидшаванда.

**Банди 8.** Роҳҳо ва имкониятҳои истифодаи оқилона, устувор ва тамомнашавандаи истифодаи растаниҳои олами набототи табиӣ.

**Банди 10.** Масъалаҳои назариявӣ ва амалии истифодаи растаниҳо, пеш аз ҳама, захираҳои набототи табиӣ бо мақсадҳои амалӣ (доруӣ, ғизоӣ, техникӣ, хӯроки чорво, обёрикунӣ, ороишӣ ва ғайра).

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Мавзуи интихобнамудаи Мирзозода Сулаймон Мадислом аз ҷумлаи масъалаҳои мубрами ботаника, экология ва истифодаи устувори захираҳои наботот ба шумор меравад. Зарурати таҳқиқ аз он бармеояд, ки растаниҳои шаҳддор ҳамчун манбаи асосии ғизои занбӯри асал дар истеҳсоли асал ва дигар маҳсулоти занбӯриасалпарварӣ, инчунин дар гардолудшавии растаниҳои кишоварзӣ, ҳифзи гуногунии биологӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ нақши муҳим доранд.

Тавре диссертатсия оварда шудааст, дар солҳои охир таъсири омилҳои антропогенӣ, истифодаи ғайриоқилонаи захираҳои табиӣ, ҷарониши бенизоми чорво, ҷамъоварии беназорати растаниҳо ва тағйирёбии иқлим боиси коҳиш ёфтани захираи растаниҳои шаҳддор ва кам гардидани заминаи табиии рушди занбӯриасалпарварӣ гардидааст. Ҳамзамон, докторант қайд намудааст, маълумоти илмии мукаммал оид ба таркиби намудҳо, паҳншавӣ, захира, маҳсулнокии шаҳди намудҳо, тақвими гулкунӣ ва робитаи

растаниҳои шаҳддор бо ҷамоаҳои набототи минтақаи Кӯлоб то имрӯз нокифоя мебошад.

Дар чунин шароит омӯзиши ҳамаҷонибаи растаниҳои шаҳддори минтақаи Кӯлоб, баҳодиҳии захираҳои онҳо, муайян намудани хусусиятҳои биоэкологӣ ва таҳияи асосҳои илмии ҳифз ва истифодаи оқилонаи онҳо аҳаммияти махсуси илмӣ ва амалӣ касб мекунад. Аз ин рӯ, мавзуи диссертатсия саривақтӣ, мубрам ва ба талаботи имрӯзаи илмҳои ботаника ва рушди устувори соҳаи кишоварзӣ пурра ҷавобгӯ мебошад.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Гузоришҳои илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсия ироагардида аз ҷиҳати илмӣ асоснок буда, ба натиҷаҳои таҳқиқоти саҳроӣ, мониторинги бисёрсола, таҳлили флоравӣ, экологӣ ва захирашиносӣ, инчунин коркарди омории маълумоти бадастомада такя менамоянд. Муаллиф дар раванди таҳқиқ аз усулҳои қабулгардидаи ботаника, геоботаника ва захирашиносӣ истифода намуда, натиҷаҳои таҳқиқотро бо маълумоти адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ муқоиса ва таҳлил кардааст. Аз ин рӯ, хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмии диссертант бо далелҳои кофии илмӣ тасдиқ гардида, аз ҷиҳати мантиқӣ ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот пурра мутобиқ мебошанд.

**Навгонии илмии диссертатсия** дар он ифода меёбад, ки бори аввал омӯзиши ҳамаҷонибаи таркиби намуд ва таҳлили экологию биологии растаниҳои шаҳддори минтақаи Кӯлоб гузаронида шуд. Дар натиҷаи таҳқиқот бори аввал мавҷудияти 88 намуди растаниҳои шаҳддор муқаррар карда шудааст, ки мансуби 69 авлод ва 24 оила мебошад. Дар натиҷаи мониторинг, маълумотҳои нави илмӣ оид ба растаниҳои шаҳддори табиӣ ва киштшавандаи минтақаи Кӯлоб, хусусиятҳои паҳншавӣ ва захираи биологию экологии онҳо, инчунин мақсаднок истифода бурдан дар амалия бо асосокӣ ба даст оварда шуд. Ноҳиябандии ботаникии растаниҳои шаҳддиҳандаи минтақа гузаронида шуд. Аввалин маротиба методи самаранок истифода бурдани захираҳои растаниҳои шаҳддиҳанда дар минтақаи Кӯлоб таҳия карда шуда, тавсияҳои амалӣ пешниҳод гардиданд.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшуда** низ аз натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдода мантиқан бармеоянд ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок мебошанд. Аз ҷумла:

1. Муайян карда шуд, ки ба гуногунии намуди растаниҳои шаҳддиҳандаи худрӯй ва киштшавандаи минтақаи Кӯлоб ва маҳсулнокии биологии онҳо омилҳои муҳити зист таъсири худро мерасонад.

2. Харитаи ноҳиябандии растаниҳои шаҳддиҳандаи минтақа, арзёбии баҳогузорӣ ва истифодабарии оқилонаи онҳо тартиб дода шуд.

3. Роҳҳои устувори ҳифз ва оқилона истифода бурдани растаниҳои шаҳддиҳандаи минтақаи Кӯлоб муайян карда шуд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодгардида ба натиҷаҳои таҳқиқоти саҳроӣ, таҳлили флористӣ, экологӣ ва геоботаникӣ, инчунин коркарди омории маълумоти бадастомада асос ёфта, аз ҷиҳати илмӣ эътимоднок мебошанд.

Хулосаҳои илмии пешниҳодшуда аз натиҷаҳои мустақими таҳқиқот бармеоянд ва хусусиятҳои биоэкологӣ, қонуниятҳои паҳншавӣ ва ҳолати захираи растаниҳои шаҳддори минтақаи Кӯлобро инъикос менамоянд.

Хулоса ва тавсияҳо доир ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, ки дар диссертатсия оварда шудааст:

- дар заминҳое, ки намудҳои асосии растаниҳои шаҳддиҳандаи минтақа мерӯянд, ба чаронидани чорво роҳ дода нашавад;
- роҳ надодан ба ҷамъоварии растаниҳои шаҳддори муҳимтарин, пайгирӣ ва ба назар гирифтани маҳали сабзиши табиии онҳо;
- фаъолгардонии чорабиниҳои таблиғотӣ оид ба баланд бардоштани маърифати экологӣ дар байни аҳолӣ оид ба аҳамияти экологӣ ва хоҷагидории растаниҳои шаҳддори минтақа;
- бо мақсади таъсиси манбаъҳои устувор ва боэътимоди ҷамъоварии шаҳд, зироатҳои муҳимтарини растаниҳои шаҳддор: намудҳои лӯбиёгиҳо, себарга, эспарсет, офтобпараст коштан зарур аст. Бояд азхудкунӣ ва истифодаи заминҳои каммаҳсули мавсимии ноҳияҳои наздикӯҳӣ ва кӯҳии минтақаро, ки дар он захираҳои зиёди ҷамъоварии шаҳд мавҷуданд, васеъ кард.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсия дар 149 саҳифаи матни компютерӣ пешниҳод шуда, аз муқаддима, 5 боб, 11 зербоб, хулоса, тавсияҳои амалӣ ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Дар диссертатсия 22 ҷадвал ва 24 расм тасвир шудааст. Феҳристи адабиёти истифодашуда 158 номгӯйро дар бар мегирад.

**Дар муқаддимаи** диссертатсия мубрамии мавзуъ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъала, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии кор, инчунин нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда баён гардидаанд.

**Дар боби якум**, шарҳи адабиёт оварда шудааст. Ин боб аз ду зербоб иборат буда, унвонҷӯ дар зербоби 1.1. “Оид ба гуногунии биологии растаниҳои шаҳддиҳанда ва аҳамияти экологию иқтисодии онҳо” ва дар

зербоби 1.2. “Захираи растаниҳои шаҳддиҳанда ва ҳосилнокии шаҳди растаниҳо” маълумотҳои саҳеҳ овардааст.

**Боби дуюми рисола** мавод ва методҳои таҳқиқот ба ҳисоб рафта, тавсифи шароити физикӣ-географии минтақаи Кӯлоб дар робита бо паҳншавии растаниҳои шаҳддор, объект ва усулҳои таҳқиқотро дар бар мегирад.

**Боби сеюми рисола** доир ба натиҷаҳои аз таҳқиқот бадастовардашуда мебошад. Ин боби рисола аз 5 зербоб иборат буда, дар зербоби 3.1. Набототи шаҳддори минатақаи Кӯлоб, 3.2. Таҳлили таркиби намуди растаниҳои шаҳддор ва паҳншавии онҳо, 3.3. Омӯзиши хусусиятҳои биоэкологии растаниҳои шаҳддори минтақаи Кӯлоб, 3.4. Ноҳиябандии захираҳои растаниҳои шаҳддори минтақа ва дар зербоби 3.4. оид ба Таснифи баъзе растаниҳои шаҳддори ояндадори минтақаи Кӯлоб ва ҳосилнокии онҳо маълумотҳои мукаммал оварда шудааст.

Муаллиф дар ин боб қайд мекунад, ки табиати минтақаи Кӯлоб таркиби бой ва гуногуни растаниҳои фоиданоки худрӯй дорад, ки дорои аҳамияти калони иқтисодӣ мебошад. Дар байни захираҳои растанигии минтақа мавқеи махсусро растаниҳои шаҳддиҳанда ишғол мекунанд, ки дар шароитҳои гуногуни экологӣ ва географии ин минтақа васеъ паҳн шуда, дар якҷояги захираҳои шаҳддиҳандаи минтақаро ташкил медиҳанд.

**Боби чорум**, ба ҳифз ва истифодаи оқилонаи захираи растаниҳои шаҳддори минтақаи Кӯлоб бахшида шудааст. Масалан, дар зербоби 4.1 муаллиф дар бораи “Роҳҳои барқарор кардан ва истифодаи оқилонаи захираи растаниҳои шаҳддор” маълумот дода ва дар зербоби 4.2 оид ба “Масъалаи ҳифзи гуногунии биологии растаниҳои шаҳддор”-ро мавриди таҳлил қарор додааст.

**Дар боби панчум** унвонҷӯ натиҷаҳои асосии таҳқиқоти анҷомёфтаро ҷамъбаст ва муҳокима кардааст.

Хулосаҳои диссертатсия аз натиҷаҳои таҳқиқот мантиқан бармеоянд ва ба мақсад ва вазифаҳои гузошташуда пурра ҷавоб медиҳанд.

**6. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Натиҷаҳои диссертатсияи Мирзозода Сулаймон Мадислом дар мавзуи «Захираи растаниҳои шаҳддори минтақаи Кӯлоб, ҳифз ва истифодаи оқилонаи онҳо» дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалии муҳим буда, ба рушди таҳқиқоти ботаника, геоботаника ва омӯзиши захираҳои биологии растаниҳои шаҳддор мусоидат менамоянд. Аҳамияти илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки барои минтақаи Кӯлоб бори аввал омӯзиши комплексии таркиби намудӣ, хусусиятҳои экологию биологии растаниҳои шаҳддор,

паҳншавӣ ва захираҳои онҳо гузаронида шуда, маълумоти нави илмӣ оид ба гуногунии растаниҳои шаҳддиҳанда ба даст оварда шудааст.

Натиҷаҳои бадастомада барои такмили донишҳои илмӣ оид ба захираҳои набототи, муайян намудани имкониятҳои истифодаи устувори онҳо ва таҳияи чорабиниҳои ҳифзи гуногунии биологӣ аҳамияти назаррас доранд. Маълумоти пешниҳодшуда оид ба ҳосили шаҳди намудҳои алоҳидаи растаниҳои шаҳддор метавонад дар интихоби намудҳои афзалиятнок барои рушди соҳаи занбӯри асалпарварӣ истифода шавад.

Аҳаммияти иқтисодии таҳқиқот дар имконияти истифодаи самараноки захираҳои растаниҳои шаҳддор барои баланд бардоштани маҳсулнокии соҳаи занбӯриасалпарварӣ, зиёд намудани истеҳсоли асал ва беҳтар намудани базаи хӯрокии занбӯри асал ифода меёбад. Аз ҷиҳати иҷтимоӣ, натиҷаҳои таҳқиқот барои ҳифзи муҳити зист, нигоҳдории гуногунии биологӣ, рушди устувори минтақаҳои деҳот ва такмили таълими экологӣ аҳаммияти муҳим доранд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ муҳокима гардидаанд. Аз рӯйи мавзуи таҳқиқот 11 мақолаи илмӣ ба нашр расидааст, ки аз онҳо 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор шудаанд. Миқдор ва муҳтавои интишорот барои инъикоси натиҷаҳои асосии диссертатсия кофӣ мебошанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботҳои Комиссия.** Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи Мирзозода Сулаймон Мадислом дар мавзуи «Захираи растаниҳои шаҳддори минтақаи Кӯлоб, ҳифз ва истифодаи оқилонаи онҳо» баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои оморӣ, имлои грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Дар матни диссертатсия дар баъзе мавридҳо истинод ба адабиёти истифодашуда тибқи тартиби рақамгузорӣ пешниҳод нашудааст. Аз ҷумла, дар саҳифаҳои 6, 14, 15, 16, 18 ва баъзе саҳифаҳои дигар рақамҳои истинодҳо бо тартиби пайдарпай ҷойгир нашудаанд. Ба мақсад мувофиқ мебуд, ки диссертант истинодҳоро мутобиқи талаботи қабулшуда ва бо тартиби ягонаи рақамгузорӣ пешниҳод мекард.

2. Дар бахши «Объект ва усулҳои таҳқиқот» баъзе маълумотҳо такроран оварда шудаанд. Аз ҷумла, дар саҳифаи 45 тарзи истифодаи аксбардории фазоӣ, аломатгузории минтақаҳои паҳншавии растаниҳои шаҳддор ва тартиб додани харитаҳо дар якчанд маврид бо мазмуни қариб якхела такрор гардидааст. Ихтисор намудани ин маълумотҳо ба беҳтар гардидани сохтори матн ва баланд шудани сифати таҳририи диссертатсия мусоидат менамуд.

3. Дар ҷадвалҳои саҳифаҳои 60–69 ва баъзе қисматҳои дигари диссертатсия ҳангоми овардани номҳои илмӣ ва маҳаллии растаниҳо баъзе номувофиқиҳои имлоӣ ва таксономӣ ба назар мерасанд. Аз ҷумла, дар навишти баъзе номҳои лотинӣ истифодаи ҳарфҳои омехтаи кириллӣ ва лотинӣ, инчунин риоя нашудани баъзе қоидаҳои қабулшудаи номгузории ботаникӣ мушоҳида мешавад. Илова бар ин, дар мавриди баъзе намудҳо номҳои тоҷикӣ бо шаклҳои маҳаллӣ ё гуфтугӯӣ оварда шудаанд. Барои баланд бардоштани дақиқии илмӣ ва риояи услуби ягонаи таҳияи диссертатсия, мувофиқи мақсад мебуд, ки номгузории таксонҳо бо истифода аз феҳристҳо ва манбаъҳои муосири ботаникӣ бознигарӣ гардида, дар тамоми матн ва ҷадвалҳо бо шакли ягона пешниҳод карда шавад.

4. Дар зербоби 3.3 – и диссертатсия натиҷаҳои омӯзиши хусусиятҳои биоэкологии растаниҳои шаҳддори минтақаи Кӯлоб ба таври муфассал пешниҳод шудаанд. Барои боз ҳам пурратар инъикос намудани аҳаммияти илмии натиҷаҳо, мувофиқи мақсад мебуд, ки таҳлили муқоисавии робитаи ин нишондиҳандаҳо бо омилҳои экологӣ (баландӣ аз сатҳи баҳр, шароити иқлимӣ ва хусусиятҳои ҷамоаҳои набототӣ) низ илова карда шавад. Васеъ намудани таҳлили мазкур арзиши илмии натиҷаҳои бадастомадаро боз ҳам баланд мебардошт.

5. Дар боби 4 дар саҳифаҳои 103, 106, 108, 118 мафҳуми «генофонди растаниҳои шаҳддор» чандин маротиба истифода шудааст, аммо шарҳи пурратари таркиб ва меъёрҳои муайян намудани ин генофонд аз ҷониби унвонҷӯ камтар шарҳ дода шудааст. Беҳтар мешуд, ки муаллиф муайян менамуд, ки кадом намудҳо ҳамчун қисми муҳими генофонди растаниҳои шаҳддори минтақа қабул шудаанд ва асоси интихоби онҳо чист.

6. Дар матни диссертатсия ва автореферат баъзе норасоиҳои ҷузъии грамматикӣ, оморӣ ва техникӣ ба назар мерасанд. Мувофиқи мақсад мебуд, ки онҳо ҳангоми таҳрири ниҳоии кор бартараф карда шаванд. Ин гуна норасоиҳо хусусияти таҳририӣ дошта, ба арзиши илмӣ ва натиҷаҳои асосии диссертатсия таъсир намерасонанд.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назарявию амалии диссертатсияи Мирзозода Сулаймон Мадислом коста намекунад ва ба мухтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Мирзозода Сулаймон Мадислом дар мавзуи «Захираи растаниҳои шаҳддори минтақаи Кӯлоб, ҳифз ва истифодаи оқилонаи онҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060718 – Ботаника пешниҳод шудааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботҳои бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060718 – Ботаника мебошад.

**Муқаррizi расмӣ**:
Номзади илмҳои биологӣ, дотсент
Декани факултети биологияи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон　　　　Кароматуллои Қ.

Имзои Кароматуллои Қ.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ　　　　Шодихонзода Э.Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17
Телефон: (+992 -37) 221 62 25; факс: 227-15-10.
E- mail: info@ tnu.tj

«30» 07 соли 2026.